**Ба Шӯрои диссертатсионии**
**6D.KOA-014 дар назди**
**Донишгоҳи давлатии молия ва**
**иқтисоди Тоҷикистон**
**Суроға: 734067, ш. Душанбе,**
**кӯчаи Нахимов 64/14**

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Шамсов Ҷумъахон Исоевич дар мавзӯи «Ташаккул ва рушди бозори минтақавии шир (дар мисоли вилояти Хатлон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600-Иқтисодиёт (6D050606 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ) пешниҳод карда шудааст.**

## 1. Мубрамият ва зарурати баргузории таҳқиқот

Таъмини эътимоднокии аҳолӣ бо озуқаворӣ яке аз вазифаҳои асосии давлат ба ҳисоб меравад. Муҳимияти ин масъала дар давраи муосир хело аён ба назар мерасад. Дар доираи масолеҳи аввалиндараҷаи истеъмолӣ ва ғизоҳои инсонӣ шир ва маҳсулоти ширӣ мавқеи муҳимро ишғол намуда, талабот ба он давра ба давра рӯ ба афзоиш дорад. Аҳамиятнокии кори диссертатсионӣ аз ҷониби муаллиф бо он асоснок карда шудааст, ки маҳсулнокӣ дар соҳаи чорводории кишвар то андозае афзуда бошад ҳам, аммо то ба ҳол афзоиши он нокифоя мебошад. Аз ҷумла дар диссертатсия аз ҷониби муаллиф қайд мегардад, ки кам кардани саршумори чорвои калони шохдори каммаҳсул дар кишвар роҳандозӣ шуда бошад ҳам, он нисбат ба нишондодҳои солҳои қаблӣ 3,2 маротиба афзуда бошад ҳам, аммо сарфи назар аз тадриҷан коҳиш ёфтани ҳаҷми воридоти шир ва маҳсулоти ширӣ дар мамлакат, миқдори ҳамасола ба ҷумҳурӣ воридшавандаи ин намуд маҳсулот ҳанӯз ҳам баланд боқӣ мемонад. Барои рафъи воридоти маҳсулоти ширӣ аз хориҷи кишвар бояд истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти ширӣ дар дохили кишвар вусъат бахшида шавад.

Аз ҷониби дигар,  айни замон дар бисёр минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон коҳиши истеҳсоли шир дар корхонаҳои кишоварзӣ ба назар расида, ҳамчунин афзоиши истеҳсоли маҳсулоти ширӣ дар хонаводаҳо

низ боиси нигаронист. Ҳамин тавр, муайян намудани омилҳои нигаҳдорандаи ҳаҷми тақозо ва арза оид ба шир, ки он фаъолияти субъектҳои бозори минтақавии ширро маҳдуд менамояд, имкони бозгӯи самти рушди бозорро фароҳам меорад.

Аз ин лиҳоз, мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионии Шамсов Ҷумъахон Исоевич дар мавзӯи «Ташаккул ва рушди бозори минтақавии шир (дар мисоли вилояти Хатлон)» масъалаи илмӣ-амалии хеле мубрами иқтисодиёти мамлакат мебошад.

**2. Сатҳи асоснокии муқаррароти илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳо**

Асоснокӣ ва эътимоднокии муқаррароти илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ пешниҳод шудаанд, дар натиҷаи таҳлили шумораи зиёди асарҳои бунёдии олимони соҳа оид ба назарияи иқтисодӣ ва илми кишоварзӣ-иқтисодӣ, назарияҳои муосири рушди устувори иқтисодиёти маҳал, таҳқиқотҳои дар шакли мақола ва диссертатсияҳо чопшуда, интишороти илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ, таҳқиқоти ба масоили рушди устувори хоҷагии қишлоқ ва механизмҳои танзими истифодаи замин бахшида шуда, санадҳои меъёрӣ, маводҳои конференсияҳои илмӣ ва дигарон асос ёфта, татбики усулҳои муосири таҳлили иқтисодию оморӣ, абстрактӣ-мантиқӣ, графикӣ барои бозгӯии тамоюлҳо ва вазъи кунунии бозори минтақавии шир ва маҳсулоти ширӣ, монографӣ, муқоисавӣ, таҳлил ва синтез, баҳодиҳии коршиносон ва мушоҳидаҳои муаллиф истифода шудаанд,

Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаву тавсияҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ бо натиҷаҳо ва навгониҳои илмии аз ҷониби муаллифи диссертатсия мустақилона ба даст оварда шуда, муҳокимаи натиҷаҳои таҳқиқот дар конфронсҳои илмии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, инчунин интишороти натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ дар маҷаллаҳои такризшаванда тасдиқ гардидаанд.

**3. Эътиборнокии натиҷаҳои таҳқиқот ва навгониҳои илмии диссертатсия**

Навгонии илмии таҳқиқот аз маҷмӯи пешниҳодҳои ба ҳам алоқамандро дар ташаккули минтақавии зеркомплекси хӯрокворӣ, аз ҷумла фароҳам овардани шароити мусоид барои истеҳсоли шир, коркарди он, истеҳсоли навъҳои зарурии маҳсулоти ширӣ ва фурӯши он, ки ҷиҳати ба тарзи зарурӣ қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ ба маҳсулоти ширии ватанӣ нигаронида шудааст, фаро мегирад.

Натиҷаҳои илмии нисбатан муҳимме, ки муаллифи диссертатсия мустақиман ба даст овардааст, инҳо мебошанд:

1. Дар кори диссертатсионӣ аз ҷониби муаллиф хусусиятҳои назариявӣ ва методии ташаккулёбии тақозо ва арзаи шир дар минтақа тавассути истифодаи комплексҳои мавҷуда барои афзоиши ҳаҷми истеҳсолот, ки имкони асоснокнамоии самтҳои имконпазири рушди истеҳсоли ширро фароҳам меорад, пешниҳод гардидаанд;

2. Дар диссертатсия, вобаста ба асоси омӯзиши таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ дар амалкарди бозори шир ва сохторҳои он самтҳои асосии мутамарказонидан ва соҳавӣ гардонидани соҳаи чорвои ширдиҳанда ва коркарди шир дар асоси ҳамгироии амудӣ, ки занҷираи арзиши иловашударо дар соҳаи истеҳсоли шир таъмин намуда, ба афзоиши теъдод ва анвои маҳсулоти ширӣ замина мегардад, пешниҳод карда шудааст;

3. Натиҷаи дигари кори таҳқиқотӣ дар пешниҳоди дурнамои нишондиҳандаҳои муносиби истеҳсол ва коркарди шир, таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти соҳа, тамоюли истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ дар корхонаҳои коркард, гардиши корхонаҳои фурӯш ва талаботи аҳолӣ ба маҳсулоти ширӣ зоҳир мегардад;

4. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ тавсияҳои мушаххаси ташкилию иқтисодӣ, ҳам барои корхонаҳои истеҳсолкунанда ва коркарди шир ва маҳсулоти ширӣ ва ҳам барои субъектҳои фурӯшандаи ин маҳсулот дар бозори минтақавӣ, ки дар умум ба кооператсия ва ҳамгироии минбаъдаи истеҳсолкунандагони маҳсулоти ширӣ ва корхонаҳои коркард бо назардошти ҳамгироии амудӣ нигаронида шудааст, таҳия шуданд;

5. Аз ҷониби муаллифи диссертатсия ҳамчун навгонии илмӣ, самтҳои асосии баланд бардоштани самаранокии фаъолияти бозори ширӣ дар асоси истифодаи фишангҳои иқтисодии дастгирии давлатӣ (қарзҳои имтиёзнок ба истеҳсолкунандагони кишоварзӣ бо дарназардошти рушди минтақавии хоҷагиҳои ширистеҳсолкунанда, баланд бардоштани маҳсулнокии чорво тавассути сармоягузорӣ ва афзун намудани корхонаҳои коркарди шир) пешниҳод карда шудаанд.

**4. Мундариҷаи кор. Ҷанбаҳои мусбӣ ва норасоиҳо**

Таҳқиқоти диссертатсионии тақризшаванда аз муқаддима, се боб, хулосаву пешниҳодот ва 200 номгӯи адабиёт иборат мебошад. Ҷанбаҳои таҳлилии диссертатсия тавассути 29 ҷадвал, 7 диаграмма ва 7 расм инъикос карда шудаанд.

**Дар муқаддима** мубрамияти мавзуъ, дараҷаи омӯзиш, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, объект ва предмети таҳқиқоти диссертатсионӣ, навгониҳои илмӣ, асосҳои методологӣ, назариявӣ, заминаҳои меъёрӣ, иттилоотӣ ва озмоишии таҳқиқот асоснок карда шуда, аҳамияти илмӣ-назариявӣ ва амалии таҳқиқот муайян карда шудааст (саҳ. 4-13).

Дар боби аввал, ки “**Асосҳои назариявии ташаккул ва рушди бозори минтақавии шир**” унвон дорад (С. 13-72) ва дар он аз ҷониби муаллифи диссертатсия асосҳои иқтисодии ташаккул ва рушди бозори шир, омилҳои таъсиррасон ба рушди бозори шир ва коркарди маҳсулоти ширӣ дарҷ гардидаанд. Ғайр аз ин, дар боби мазкур таҷрибаи хориҷии ташкил ва ҷойгиркунии бозори шир дар минтақа арзёбӣ гардида, имконоти татбиқи он дар мамлакат пешниҳод карда шудааст.

Дар диссертатсия дар ташкили фаъолияти инфрасохтори бозори шир ва маҳсулоти ширӣ дар минтақа (расми 1.1.1) чунин мепиндорад, ки дар шароити ҳозира тобеияти фаъолияти ташкилот ба санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии худ мазмуни танзими дохилии он буда, тобеияти фаъолияти ташкилот ба санадҳои меъёрии давлатӣ, қоидаҳои ташкилотҳои худтанзимкунӣ ва шартномаҳои байналмилалӣ мебошад. Муаллиф қайд менамояд, ки аз рушди соҳаи чорводорӣ сатҳи зиндагии аҳолӣ беҳбудӣ пайдо намуда ҳаҷм ва сифати хуби шир ва маҳсулоти ширӣ, даромад ба

сари аҳолӣ, таъминот ва хизматрасонии хуб, беҳбудии вазъи иҷтимоӣ афзун мегардад. (саҳ.15). Аммо бояд тазаккур дод, ки дар зербоби аввал вобаста ба нуктаи назари олимони ватаниву хориҷӣ маводҳои назариявии ифшокунандаи рушди бозори шир кам ба назар мерасанд.

Бо муаллиф ҳамақида будан мумкин аст, ки омӯзиши усулҳои иқтисодӣ ва маъмурии танзими давлатии бозори шир ва таносуби онҳо аз вазъи комплекси агросаноатии минтақа вобаста буда, дар асоси он рушд ва тағйир меёбад. Дар бисёр минтақаҳо аз сабаби номусоидии вазъи роҳҳо, набудани нақлиёти махсус, яхдонҳо, таҷҳизот ва масолеҳи бастабандӣ талафоти назарраси маҳсулоти ширӣ, инчунин, бад шудани сифати он ҳангоми таҳвили молҳо ба истеъмолкунандагон ба амал меоянд. Аз ин рӯ, барои фаъолияти пурсамари бозори шир ва маҳсулоти ширӣ зарур аст, ки инфрасохтори бозори мазкур дар ҳамкорӣ бо тамоми соҳаҳои зеркомплекси маҳсулоти ширӣ рушд дода шавад. Субъектҳои инфрасохтори бозори шир корхонаҳои харид, ташкилотҳои нақлиётӣ, зарфҳои хунуккунанда, корхонаҳои савдои яклухт, чакана ва ғайра мебошанд. Яке аз роҳҳои ҳалли масъалаи мавҷуда дар бозори маҳсулоти ширӣ рушди ҳамкорӣ ва таҳкими робитаҳои ҳамгирой байни истеҳсолкунандагони деҳот, корхонаҳои саноати коркард ва савдо мебошад. Муаллиф дуруст қайд мекунад, ки усулҳои иқтисодии ҳавасмандкунӣ ва таъсири ғайримустақим ба бозор асосан дар иқтисоди бозорӣ бо инфрасохтори мавҷуда истифода бурда мешаванд. Дар вазъи тағйирпазири иқтисодӣ истифодаи усулҳои мустақим ва ғайримустақим дар ҳамоҳангсозии онҳо мувофиқи мақсад буда, усулҳои маъмурӣ ва иқтисодии ҳавасмандгардонии бозор дар соҳаю бахшҳои гуногуни иқтисодиёт татбиқи гуногун пайдо мекунад, вале бо вуҷуди ин, бояд ҳамеша ба усулҳои иқтисодӣ афзалият дода шавад. (саҳ 44-46).

Муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ барҳақ дуруст қайд менамояд, ки танзими арза аз тадбирҳои кӯмаки молӣ, ҷуброни қисми хароҷот, қарз ва андозбандии имтиёзнок, иҷораи таҷҳизот ва чорво, идоракунии барномавӣ ва қабули он, инчунин татбиқи барномаҳои давлатӣ дар

соҳаи кишоварзӣ яке аз воситаҳои асосии танзими давлатӣ, назорати сифат ва иҷозатномадиҳии маҳсулот, ҳамкории фурӯшандагон иборат буда, ба назар гирифтани принсипҳои афзалияти истеъмолкунанда аз талаботи истеҳсолӣ (аз ҷиҳати ҳаҷм ва сифати маҳсулот), мувозинати истеҳсол ва коркарди шир, муносибсозии минтақаҳои ашёи хом бо дарназардошти кам кардани масофаи интиқол, наздик шудани коркард ба истеҳсолот, кам шудани муҳлати таҳвил, иҷрои дурусти шартномаҳои таъминот аз ҷониби тарафҳо, мувозинати таъминоти моддию техникӣ ва технологии истеҳсолот дар ҳамаи марҳилаҳо муҳим мебошанд. (саҳ. 48-51).

**Дар боби дуюм** «Ҳолати муосири рушди бозори шир ва хусусиятҳои танзими он дар вилояти Хатлон» (С. 72-102) дар кори диссертатсионӣ баҳодиҳии шароити ташкилӣ-иқтисодӣ ва институтсионалии ташаккули бозори шир ва маҳсулоти ширӣ, таҳлили вазъи муосир ва тамоюли истеҳсолот дар коркарди шир, ҳамгироии корхонаҳои истеҳсол ва коркарди шир дар минтақа аз нуқтаи назари манфиатҳои иқтисодӣ гузаронида шудааст.

Дар кори диссертатсионӣ муаллиф бо истифода аз маълумотҳои оморӣ ва маводҳои ниҳодӣ дар вилояти Хатлон омилҳои ба низоми истеҳсол, коркард ва фурӯши шир ва маҳсулоти ширӣ таъсиррасон ва тағйирёбии ин омилҳоро мавриди таҳлил қарор дода, қайд менамояд, ки соҳаи кишоварзии вилояти Хатлон иқтидорҳои васеи истеҳсолӣ, техникӣ, технологӣ ва амсоли инҳоро дар ихтиёр дошта, дар соли 2020 515188 тонна шир истеҳсол кардаанд ва айни замон дар таркиби сифатии парвариши чорво тағйироти назарраси мусбӣ ба назар мерасад, ки ин ба беҳтар шудани фаъолияти соҳаи зотпарварӣ ва дар сатҳи баланди ғизодиҳӣ дар хоҷагиҳо алоқаманд мебошад. Муаллиф қайд менамояд, ки, дар корхонаҳои кишоварзии вилоят маҳсулнокии чорво зиёд гардидааст ва ин ба истеҳсоли умумии шир таъсири мусбӣ расонида аст. (саҳ. 73-77). Вале муаллиф дар хулосаи зербоб қайд менамояд, ки дар баъзе мавридҳо дар ин категорияи истеҳсолкунандагон ҳам аз ҳисоби зиёд шудани саршумори модаговҳо ва ҳам кам будани хӯроки чорво

истеҳсоли шир ба таври назаррас кам гардидааст. Коҳиши истеҳсоли шир дар ин категорияи истеҳсолкунандагон бо афзоиши истеҳсоли шир дар хоҷагиҳои деҳқонӣ ҷуброн карда мешавад. (саҳ. 89).

Дар диссертатсия қайд карда шудааст, ки дар минтақаи Хатлон раванди батанзимдарорӣ ва хусусигардонии корхонаҳои соҳа идома дошта, сатҳи истеҳсолоти маҳсулоти ширӣ дар корхонаҳои соҳа гуногун ба назар мерасад ва то соли 2020 истеҳсоли маҳсулоти соҳа 15,6 миллиард сомониро ташкил дод, ки ин нисбат ба соли 2019 5,1 миллиард сомонӣ афзоиш ёфта, ҳиссаи бештарро дар ҳаҷми умумии хариди шири хом дар қаламрави вилояти Хатлон асосан чор хоҷагӣ ишғол мекунанд: ҶДММ «Фабрикаи шири Саодат»-и Хуросон, ҶС «Комбинати шир»-и ш. Бохтар, ҶС «Комбинати шир»-и ш. Кӯлоб, ҶДММ «Зуҳал-М»-и шаҳри Кӯлоб. Саҳмияҳои онҳо мутаносибан ба 4,1%, 15,0%, 11,0%, 4,5% баробар мебошанд (саҳ. 92-93).

Бо муаллифи диссертатсия бояд ҳамақида буд, ки корхонаҳои истеҳсолкунандаи ашёи хом имконият надоранд, ки барои такмил додани раванди технологӣ ва рушди истеҳсолот маблағгузорӣ кунанд. Фишанги асосии иқтисодӣ, ки тавассути он фаъолияти иқтисодии корхонаҳои зеркомплекси шир амалӣ мешавад, нархҳо мебошанд. Нархе, ки харидор барои маҳсулоти ширӣ пардохт мекунад, барои ба даст овардани фоида дар тамоми марҳилаҳои раванди истеҳсол, коркард ва фурӯш кифоя аст. Зарари корхонаҳои кишоварзӣ на аз самаранокии худи истеҳсолот, балки аз ҳиссаи даромаде ба вуҷуд меояд, ки онҳо аз нархи ниҳоии харидор ба даст оварда мешаванд. Дар ин самт ҳар як тараф мекӯшад, ки қисми бештари даромадро ба даст орад (саҳ. 101).

Муаллиф воқеан дуруст ибрози ақида намудааст, ки базаи моддию техникии коргоҳҳои коркарди шир дар аксар хоҷагиҳо ба талабот ҷавобгӯй набуда, дорои сатҳи ниҳоят нокифояи техникӣ мебошанд. Аксари онҳо дар биноҳое ҷойгиранд, ки ба стандартҳои санитарию техникӣ ҷавобгӯ нестанд. Дар коргоҳҳо аксар вақт намудҳои алоҳидаи таҷҳизоти технологии гуногунранг насб карда мешаванд, ки ба сифати маҳсулоти истеҳсолшаванда таъсири худро мегузорад. Баъзе амалиётҳои

технологӣ умуман иҷро карда намешаванд ва дар ин раванд аз сабаби набудани таҷҳизот ва маводҳои махсус муҳити истеҳсолӣ пешбинӣ карда нашудаанд. Муаллиф сабабҳои асосии истифодаи нокифояи иқтидори мавҷудаи истеҳсолӣ ва техникии соҳаҳои мавҷудаи саноати шир дар минтақаро норасоии маблағи гардон дар корхонаҳо, тарофаҳои баланди сарчашмаҳои сӯзишворию энергетикӣ, кам шудани ҳаҷми истеҳсолот ва ғ. номбар карда, пешниҳод менамояд, ки иқтидорҳои мавҷудаи сеххои хурди коркард бояд баҳри коркарди аввалияи шири хом барои ба шароити навъҳо расонидани он ва истеҳсоли маҳсулоти ширие, ки коркарди амиқи технологиро талаб намекунанд, истифода шаванд.

**Дар боби сеюм «Самтҳои асосии такмили ҷойгиркунии истеҳсоли шир ва маҳсулоти ширӣ дар вилояти Хатлон»** (С.113-158) аз ҷониби муаллиф бо таклифу пешниҳодҳо ҷиҳати дастгирии давлатии бозори шир ва маҳсулоти ширӣ, ташаккули механизми таъмини рақобатпазирии истеҳсол ва коркарди шир ва дурнамои истеҳсол, коркарди истеъмоли шир ва ғанигардонии бозори минтақа бо далелҳои илмӣ асоснок карда шудааст.

Ба ақидаи муаллифи диссертатсия дар шароити муосир зарур аст, ки таъсири давлат ба бозори ширии минтақа бояд бо назардошти омилҳои махсусгардонии минтақаҳои вилоят ба саноати маъдани кӯҳӣ, вазни киёсии зиёди соҳаҳои саноат, кишоварзӣ, саноати сабук ва хӯрокворӣ, шароити душвори табиию иқлимие, ки ба баландшавии арзиши шир таъсир ва ба истеҳсоли он таҳдид расонида метавонанд, сурат гирад, ки мо ба ин ақида ҳамфикр мебошем.

Мо бо муаллифи рисолаи дисертатсионӣ ҳамфикрии худро иброз медорем, чунки он чунин мепиндорад, ки барои ноилшавӣ ба ҳадафҳои гузошташуда маҷмуи тадбирҳое чун такмили сохтори идоракунии фаъолияти истеҳсолӣ-хоҷагӣ ва таркиби воҳидҳои дохилихоҷагӣ, таҳкими интизоми меҳнатӣ ва технологӣ, такмили ташкили меҳнат, тағйирот дар сохтори истеҳсолот ва махсусгардонии корхонаҳо, ташкили соҳаҳои нави саноат, такмили технологияи истеҳсолот, сарфаи хароҷот аз интиқоли хадамоти манзилию коммуналӣ ва мақсадҳои

фарҳангию маишӣ ба тавозуни мақомоти маҳаллӣ, ҷустуҷӯи бозорҳои фоидаовари маҳсулот, ҳавасмандгардонии онҳое, ки дар истеҳсолот кор мекунанд, ба роҳ монда шуда, амалӣ гардонида шаванд. (саҳ. 141).

Махсусан боиси тафохур аст, ки муаллиф барои идоракунии самараноки фаъолияти зеркомплекси ширӣ–хӯрокворӣ модели технологияи таҳқиқотӣ ва пешгӯии рушди зеркомплекси шириро пешниҳод кардааст, ки он дар заминаи таҳлили мантиқӣ ва бо дарназардошти роҳи таҳаввулотии рушди саноати шир сохта шуда, ҳамчун роҳнамо дар қабули қарорҳои идоракунӣ ҳангоми таҳияи барномаҳое, ки ба баланд бардоштани самаранокӣ дар истеҳсоли маҳсулоти ширӣ равона шудаанд, хизмат мекунад.

**Дар хулоса** (С.158-165) натиҷаҳои асосии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ҷамъбаст карда шудаанд.

**5. Камбудиҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ**

Дар баробари дастовардҳо ва муваффақиятҳои дар боло зикршуда таҳқиқоти диссертатсионӣ аз камбудиҳо ва норасоиҳои муайян холӣ нест. Ба андешаи мо, ба инобат гирифтани норасогиҳои зерин ба ҳусни кор рангу тобиши дигар дода метавонист:

1. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ ҷанбаҳои назариявии ташаккул ва рушди бозори минтақавӣ  дида баромада шуда бошад ҳам, аммо ба принсипҳои ташаккули бозори минтақавӣ ва танзими иқтисодиёти кишоварзӣ он қадар аҳамият дода нашуда аст, ки он метавонист ба кори диссертатсионӣ ҳусни илмӣ диҳад;

2. Дар зербоби 1.1. -“Асосҳои иқтисодии ташаккул ва рушди бозори шир” муаллиф кӯшиши баррасии ҷанбаҳои назариявии ташаккул ва рушд додани бозори ширро намуда аст. Аммо аз нигоҳи мо, дар ин бахш ҷой додани маълумотҳои рақамӣ-оморӣ шарт набуд ва бояд дар ин зербоб бештар ба  мафҳумҳои асосии назариявӣ аҳамият дода мешуд. Дар боби назариявӣ дар бораи мафҳумҳои “минтақа”, “бозори минтақавии шир” “ҳудуд” овардани маълумотҳои назариявӣ, ҷанбаи назариявии корро ба маротиб меафзуд.

3. Дар бахши таҳлилии кори диссертатсионӣ таҳлили вазъи муосир ва тамоюли истеҳсолот дар коркарди шир, таҳлили шароитҳои ташкилӣ-иқтисодӣ ва институтсионалии ташаккули бозори шир ва маҳсулоти ширӣ ва вазъи муосир ва тамоюли истеҳсолот дар коркарди шир гузаронида шудааст. Ба андешаи мо, агар аз ҷониби муаллиф дар мисоли минтақаҳои дигар таҳлили қиёсӣ гуззаронида мешуд, ҷанбаи амалии кор хеле мукаммал мегардид;

4. Дар боби сеюми диссертатсия, дар зербоби 3.1. муаллиф системаи танзими бозори ширро мавриди таҳқиқ қарор дода, нақшаи низоми танзими бозори маҳсулоти шириро таҳия намудааст. Лекин, унсурҳо ва самтҳои асосии татбиқи он ба таври зарурӣ ва возеҳ шарҳ дода нашудаанд;

5. Дар диссертатсия баъзе хатогиҳои имлоӣ ва услубӣ ба назар мерасанд.

Аммо, камбудиҳои зикршуда хислати тавсиявӣ дошта, сатҳи баланди иҷроиши таҳқиқот ва аҳамияти амаливу назариявии диссертатсияро кам намегардонанд.

6. **Автореферат** фарогири мундариҷаи диссертатсия буда, интишороти муаллиф дар сатҳи кофӣ мундариҷаи корро дар бар мегиранд.

7. **Хулосаи умумӣ** доир ба диссертатсия

Ҳамин тавр, диссертатсияи Шамсов Ҷумъахон Исоевич дар мавзӯи «Ташаккул ва рушди бозори минтақавии шир (дар мисоли вилояти Хатлон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600-Иқтисодиёт (6D050606 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ) пешниҳод карда шудааст, кори илмии анҷомёфта маҳсуб ёфта, фарогири навгониҳои илмӣ баҳри инкишофи илми иқтисодӣ ва амалияи хоҷагидорӣ доир ба масоили таҳқиқшаванда мебошад.

Ба андешаи мо, кори илмию таҳқиқотии Шамсов Ҷумъахон Исоевич ба талаботи КОА–и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба диссертатсияҳои номзадӣ аз рӯйи ихтисоси 6D050600-Иқтисодиёт (6D050606 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ) мувофиқат

намуда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), аз рӯйи ихтисоси номбурда мебошад.

**Муқарризи расмӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ,**
**муаллими калони кафедраи**
**таҳлили иқтисодӣ ва аудити ДМТ** **Шоймардонов Ҳ.Қ.**

**Суроға: 734024 Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17**
**Тел/факс: 2217711**
**E-mail: Habib26_01@mail.ru**

**Имзои н.и.и., м/к Ҳ.Қ. Шоймардоноовро**
**тасдиқ менамоям:**
**Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсус** **Тавқиев Э.Ш.**

28.08.22